# ПРОТОКОЛИ №21

## ҷаласаи шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ

9-уми январи соли 2026 ш.Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро 13 нафар

**Раиси шуро:** доктори илмҳои геология ва минералогия Валиев Ш.Ф.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 июли соли 2022, №111/шд (тағйирот ба ҳайати шурои диссертатсионӣ тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.12.2024, №428/шд) тасдиқ шудааст, 13 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш мнеамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи номзадии Ёқубзода Шокир Абдулфайз унвонҷӯи Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ дар мавзуи «Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз руйи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ.

**Баромад намуданд:** Раиси шурои диссертатсионӣ Валиев Ш.Ф. қайд намуд, ки диссертатсияи мазкур барои баррасӣ ва муҳокима ба шуро пешниҳод шудааст ва моро зарур аст, ки диссертасияро баррасӣ намуда ба экспертизаи аввалия равон намоем.

Котиби илмии шуро Ғайратов М.Т. ва аъзоёни шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои геология ва минералогия, и.в.

профессор Ғафуров Ф.Г., номзади илмҳои геология ва минералогия дотсент Ниёзӣ А.С. (Ниёзов А.С.), номзади илмҳои геология ва минералогия, Фозилов Ҷ.Н. ва номзади илмҳои геология ва минералогия Лоиқзода М.Л. (Гадоев М.Л.) баромад намуда иброз доштанд, ки диссертатсияи номзадии Ёқубзода Ш.А. унвонҷӯи Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ дар мавзуи «Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз руйи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ ба экспертизаи аввалия пешниҳод карда шавад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи номзадии Ёқубзода Шокир Абдулфайз унвонҷӯи Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ дар мавзуи «Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз руйи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:
- доктори илмҳои техникӣ Комилов О.К.
- номзади илмҳои геология ва минералогия Саидраҳмонзода С.С.
- номзади илмҳои геология ва минералогия Зиёев Ҷ.Ш.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои геология ва минералогия Валиев Ш.Ф.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ Ғайратов М.Т.